Суратмаҷлиси №26
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-021
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 05 январи соли 2023 ш. Душанбе

Иштирок доранд:
аз 15 нафар аъзои
шуро 13 нафар

Рӯзнома:

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи Каримова Гулзира Нуруллоевна дар мавзуи "Вожаҳои мураккаби сеҷузъа дар забони тоҷикӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) (роҳбари илмӣ, номзади илми филология, мудири шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Мирзоев Сайфиддин Ҷаборович) ба ташхиси аввалия ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

Шунида шуд:

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Хоҷаев Д. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Каримова Гулзира Нуруллоевна ба шурои диссертатсионӣ.

Баромад кард:

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ Ҷӯраева М. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Каримова Гулзира Нуруллоевна – автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

Қарор карда шуд:

1. Диссертатсияи Каримова Гулзира Нуруллоевна дар мавзуи "Вожаҳои мураккаби сеҷузъа дар забони тоҷикӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) (роҳбари илмӣ, номзади илми филология, мудири шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии

АМИТ Мирзоев Сайфиддин Ҷаборович) ба ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- Мирзоева Моҳира – доктори илми филология, профессор, аъзои шуро, раиси комиссияи ташхис;

- Ҳомидов Дилмурод – доктори илми филология, профессор, аъзои шуро, аъзои комиссияи ташхис.

- Шафоатов Азал Нусратович – доктори илми филология, дотсент, мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов, аъзои комиссияи ташхис.

Қарор карда шуд: тарафдор 13 нафар, зид, бетараф нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Хочаев Д.

Котиби шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Ҷӯраева М.